# РАВАНДИ БАҚАЙДГИРӢ ДАР НИЗОМИ ИМТИҲОНҲОИ МАРКАЗОНИДАИ ДОХИЛШАВӢ

***Саидзода Парвиз Ҳамро,*** *сардори раёсати ташкил ва идораи имтиҳони Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

*E-mail: psaidov@ntc.tj*

Бақайдгирии довталабон яке аз марҳалаҳои асосии имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ (минбаъд – ИМД) ба ҳисоб рафта, дар нуқтаҳои бақайдгирӣ, ки аз тарафи Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Марказ) дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ таъсис дода мешавад, тавассути техника ва технологияи муосир сурат мегирад.

Бақайдгирӣ қайди расмии довталаб дар нуқтаи бақайдгирӣ аст, ки бо ин ӯ барои иштирок дар ИМД ҳуқуқ пайдо мекунад. Раванди бақайдгирӣ дар ҳузури довталаб бо пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зарурӣ ба роҳ монда мешавад. Бо мақсади ифшо нашудани маълумоти инфиродии мансуб ба довталаб барои ҳар як довталаби номнависшуда дар заминаи сомонаи расмии Марказ кабинети инфиродӣ кушода мешавад, ки дар он марҳала ба марҳала ҳамаи маълумоти барои довталаб зарурӣ дар шакли электронӣ гузошта мешавад.

Ҳангоми бақайдгирӣ изи ду ангушти дасти довталаб гирифта мешавад, ки минбаъд тавассути он довталаб ба марказҳои имтиҳонӣ барои супоридани имтиҳонҳо ворид шуда метавонад.

Қайд кардан лозим аст, ки пас аз бақайдгирӣ ба довталаб варақаи бақайдгирӣ, ки дар он ҳамаи маълумоти барои довталаб зарурӣ дарҷ мегардад, дода мешавад.

Бо кадом забон супоридани имтиҳон ва ҷойи имтиҳонсупориро довталаб дар вақти бақайдгирӣ аз вариантҳои пешниҳодгардида ихтиёран муайян мекунад. Довталаб ихтисосҳои ба худ писандро бо дарназардошти муассисаҳои таълимӣ, шакли таҳсил (рӯзона, ғоибона, шабона, фосилавӣ) ва намуди таҳсил (ройгон ё пулакӣ) интихоб карда метавонад.

Бояд қайд кард, ки бо мақсади шаффоф, дастрас ва озод доир намудани марҳалаҳои бақайдгирии довталабон ҳамасола дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ нуқтаҳои бақайдгирии асосӣ, инчунин, сайёр таъсис дода мешавад.




Расми 1. Шумораи умумии нуқтаҳои бақайдгирии асосӣ дар давоми солҳои 2014-2018

Тавре ки аз диаграммаи боло (расми 1-ум) мушоҳида кардан мумкин аст, шумораи нуқтаҳои бақайдгирии асосӣ дар ҷумҳурӣ сол ба сол зиёд шуда истодааст. Агар соли 2014 дар ҷумҳурӣ 20 нуқтаи бақайдгирии асосӣ таъсис дода шуда бошад, пас, дар соли 2018 шумораи онҳо ба 42-то расидааст.

Вобаста ба ин, шумораи истгоҳ (стансия)-ҳои бақайдгирӣ низ сол ба сол зиёд шуда истодааст (расми 2-юм).




Расми 2. Шумораи умумии истгоҳҳои бақайдгирӣ дар давоми солҳои 2014-2018

Аз диаграммаи дар расми 2 овардашуда дидан мумкин аст, ки дар соли 2018 нисбат ба соли 2017 шумораи истгоҳҳои бақайдгирӣ дар нуқтаҳои бақайдгирии асосӣ 17 % зиёд шудааст.

Дар баробари нуқтаҳои бақайдгирии асосӣ, ҳамасола тибқи дархости мақомотҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳои дурдаст барои номнависии довталабон ҷиҳати иштирок дар ИМД нуқтаҳои бақайдгирии сайёр таъсис дода мешаванд.

Марҳалаи асосии бақайдгирии довталабон ҳар сол 1-уми март оғоз гардида, бо дарназардошти тамдиди он то 30-юми апрел идома меёбад.

Тибқи маълумоти оморие, ки аз нуқтаҳои бақайдгирии асосӣ ҳамарӯза дастрас карда мешуд, то 30-юми апрели соли 2018-ум 94 905 нафар довталаб аз қайди Марказ гузаштанд.

Аз рафти марҳалаи асосии бақайдгирии соли 2018-ум (расми 3-юм) мушоҳида кардан мумкин аст, ки рӯзҳои аввали бақайдгирӣ шумораи ками довталабон барои бақайдгирӣ муроҷиат карда, рӯзҳои охир шумораи хоҳишмандон чанд маротиба зиёд шудааст, ки ин ҳолат ба кори нуқтаҳои бақайдгирӣ таъсири манфӣ мерасонад. Чунин вазъ дар шаҳри Душанбе бештар мушоҳида карда мешавад. Баръакс, раванди бақайдгирӣ дар нуқтаҳои бақайдгирии асосии вилояти Суғд дуруст ба роҳ монда шудааст. Хоҳишмандон тибқи рӯйхати пешакӣ аз муассисаҳои таълимӣ ба нуқтаҳои бақайдгирӣ ҳозир шуда, аз қайд мегузаранд. Ин гувоҳи он аст, ки дар ин минтақа корҳои иттилоотию таблиғотӣ дуруст ба роҳ монда шудааст.




Расми 3. Рафти бақайдгирии асосӣ

Аз рафти марҳалаи асосии бақайдгирии соли 2018 нисбат ба солҳои пешин (расми 4-ум) ҳаминро мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар соли 2018 шумораи хоҳишмандони азқайдгузашта нисбатан зиёд аст.




Расми 4. Муқоисаи рафти марҳалаи асосии бақайдгирӣ
дар солҳои 2014-2018

Тибқи нақшаи чорабиниҳои Марказ соли 3-юм аст, ки барои шаҳрвандоне, ки дар давраи марҳалаи асосии бақайдгирӣ берун аз ҷумҳурӣ (дар муҳоҷирати меҳнатӣ, таҳсил, табобат ва ғайра) қарор доштанд ва ё дар сафи артиши миллӣ хизмати ҳарбиро адо мекарданд, дар шаҳри Душанбе марҳалаи иловагии бақайдгирӣ ташкил ва ба роҳ монда мешавад.

Бояд тазаккур дод, ки дар ду марҳалаи бақайдгирӣ (асосӣ ва иловагӣ) барои иштирок дар ИМД дар соли 2018 ҳамагӣ 95817 нафар довталаб аз қайд гузаштаст, ки ин шумора нисбат ба соли 2017-ум 724 нафар (0,75%) кам ва нисбат ба соли 2016-ум 11189 нафар (13,22%) зиёд аст (расми 5-ум).




Расми 5. Шумораи умумии довталабони азқайдгузашта дар солҳои 2014-2018

Аз шумораи умумии довталабони бақайдгирифтаи соли 2018-ум 54 275 нафарашон (56,64%) писарон ва 41 542 нафарашон (43,36%)-ро духтарон ташкил медиҳанд (расми 6-ум). Рафти бақайдгирии писарон ва духтарон нишон медихад, ки шумораи духтарони хоҳишманди таҳсил дар МТТМОК сол ба сол зиёд шуда истодааст. Агар дар соли 2018 шумораи духтарони азқайдгузашта нисбат ба соли 2017 камтар бошад, нисбат ба соли 2016-ум 6 000 нафар зиёдтар аст.




Расми 6. Рафти бақайдгирӣ аз рӯйи ҷинс дар ИМД-и солҳои 2014-2018

Дар соли 2018 шумораи умумии довталабон дар доираи гурӯҳи ихтисосҳои 1-ум – 16671 нафар (17,40% аз шумораи умумии довталабони аз қайд гузашта), гурӯҳи ихтисосҳои 2-юм – 17472 нафар (18,23%), гурӯҳи ихтисосҳои 3-юм – 17017 нафар (17,76%), гурӯҳи ихтисосҳои 4-ум – 9996 нафар (10,43%) ва гурӯҳи ихтисосҳои 5-ум – 34661 нафар (36,18%)-ро ташкил медиҳад.




Расми 7. Ҳисса (дарсад - %)-и довталабон дар доираи гурӯҳҳои ихтисосҳо аз шумораи умумии номнависшудагон дар солҳои 2016-2018

Яке аз мақсадҳои асосии ташкили нуқтаҳои бақайдгирӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ташкили раванди бақайдгирӣ дар нуқтаҳои ба макони зисти довталаб наздик ба ҳисоб меравад. Довталабон дар давоми якуним моҳ (аз 1-уми март то 15-уми апрел) вобаста ба нуқтаҳои бақайдгирии ба макони зисташон наздик ё мувофиқ ҳозир шуда, дар асоси пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зарурӣ аз қайд мегузаранд.

**Бояд қайд кард, ки тибқи ҳисобҳои пешбинишуда, дар як рӯзи корӣ як истгоҳи бақайдгирӣ бояд аз 20 то 25 нафар довталабро аз қайд гузаронад. Ба ҳисоби миёна дар як истгоҳи бақайдгирӣ дар давоми як рӯз 23 нафар довталаб аз қайд гузаронида мешавад, пас, нуқтаи бақайдгирии дорои ду истгоҳи бақайдгирӣ дар як рӯзи корӣ 46 нафар довталабро бояд ба қайд гирад.**

Таҳлилҳои оморӣ нишон медиҳанд, ки дар қисми зиёди нуқтаҳои бақайдгирӣ раванди бақайдгирӣ ба низом даровarda шудааст ва довталабон бонавбат ба ин нуқтаҳо ҳозир мешаванд. Аз ҷумла, дар соли 2018 нуқтаи бақайдгирии № 03/12-и муассисаи таълимии таҳсилоти миёнаи умумии № 3 (вилояти Хатлон, ноҳияи Фархор) яке аз чунин нуқтаҳои бақайдгирии бо иқтидори пурра фаъолияткарда ба ҳисоб меравад.

**Лекин, мутаассифона, дар баъзе аз нуқтаҳои бақайдгирӣ аз сабаби кам будани шумораи хоҳишмандони бақайдгирӣ барои иштирок дар ИМД ва мунтазам ҳозир нашуданашон дар он низоми раванди бақайдгирӣ ба таври зарурӣ риоя намегардад.** Аз ҷумла, дар соли 2018 нуқтаи бақайдгирии № 03/11-и муассисаи таълимии таҳсилоти миёнаи умумии № 1 (вилояти Хатлон, ноҳияи Панҷ) яке аз чунин нуқтаҳои бақайдгирӣ ба ҳисоб рафта, бо иқтидори пурра фаъолият накардааст (расми 8-ум).




Расми 8. Рафти бақайдгирӣ дар нуқтаҳои бақайдгирии № 03/11 (н. Панҷ) ва № 03/12 (н. Фархор)

Аз рафти бақайдгирӣ дар нуқтаи бақайдгирии № 03/12 (дорои 2 истгоҳи бақайдгирӣ) мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар давоми 34 рӯзи бақайдгирӣ (аз 1-уми март то 14-уми апрел) дар 26 рӯзи бақайдгирӣ бақайдгирандагон аз нақша зиёд довталабонро номнавис кардаанд. Ҳатто рӯзи чоруми бақайдгирӣ (5-уми март) 121 нафар довталаб аз қайд гузаштааст, ки ба ҳар як бақайдгиранда ба ҳисоби миёна 60-нафарӣ довталаб рост меояд.

Мутаассифона, дар нуқтаи бақайдгирии № 03/11 (дорои 2 истгоҳи бақайдгирӣ) баръакси ин ҳолатро мебинем. Ҳатто, рӯзи бисту ҳаштуми бақайдгирӣ (7-уми апрел) ҳамагӣ 2 нафар довталаб аз қайд гузаштаасту бас.

Хулоса, марҳилаи бақайдгирии довталабон яке аз муҳимтарин марҳилаҳои низоми ИМД ба ҳисоб рафта, дар сатҳи зарурӣ баргузор намудани ин имтиҳонҳо аз он вобастагӣ дорад ва Марказ ҳамасола барои беҳтар ташкилу роҳандозӣ кардани он тадбирҳо меандешад.